## Интихоби дурусти заҳрдоруҳо



Заҳрдоруҳо бояд аз тарафи мутахассисон тавсия дода шавад, чунки ҳар як захр барои нест кардани касалӣ ё ҳашаротҳо дар назар гирифта шудааст.

Деҳқонон аз сабаби надонистани заҳрдоруҳо онҳоро иваз мекунанд ва натиҷа намедиҳанд, масалан фунгисидҳо маҳз барои нест кардани касалиҳои занбуруғӣ ба назар гирифта шудаанд.

Бактериосидҳо барои нест кардани бактерияҳо; инсектисидҳо бошад, барои нест кардани ҳашаротҳо истифода мешаванд ва ин заҳрдоруҳоро набояд бо якдигар иваз кардан, чунки натиҷа намедиҳанд.



THE WORLD BANK
IBRD • IDA | WORLD BANK GROUP

ASC

ТҶ «Агро-Сервис Консалтинг»
Тоҷикистон, ш. Душанбе 734061,
кӯчаи Б. Ғафуров 44, 61
Телефон: (+992) 987-22-00-21
Факс: (992 37) 231-89-61,
E-mail: agroservis-hl@mail.ru

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ»**

# Риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истифодабарии заҳрхимикатҳо







Душанбе - 2020

## Дар вақти кор бо заҳрхимикатҳо шахс бояд либоси махсус дошта бошад



1. Даҳонбанд (респиратор)
2. Айнак
3. Дастпӯшак
4. Либосҳои махсус
5. Музаи резинӣ
6. Сарпӯш

Ҳангоми кор бо заҳрхимикатҳо шамол бояд 15-20 м/с зиёд набошад, меъёри тавсиядодашудаи истифодабарии заҳрхимикатҳо риоя карда шавад.

Дорупошак бояд дар ҳолати дурусти корӣ бошад, аз ягон ҷояш заҳр напошад.



## Чораҳои зарурӣ барои заҳролуд нашудани муҳити зист



Мавзеи коркард аз назди ҷуйборҳо ва каналҳо, ҳавзҳо ва кулҳо бояд дур бошад.

Заҳрхимикатҳо аз тарафи Вазорати кишоварзӣ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зист иҷозат додашударо истифода бурдан лозим аст.

Мӯҳлати истифодабарии заҳрдоруҳо нагузашта бошад.

Меъёри тавсиядодашуда бояд риоя карда шавад.

Мутахассис ҳангоми заҳрпошӣ бояд иштирок дошта бошад.

Баъди коркард бо заҳрхимикатҳо обдиҳиро кам кардан лозим аст.



## Тарзи нигоҳ доштани заҳрхимикатҳо



Заҳрхимикатҳо бояд дар бинои махкам ва қулфдор нигоҳ дошта шаванд, барои кудакон дастнорас бошад. Дар бинои сементӣ аз офтоб паноҳ нигоҳ дошта шавад. Занҳои ҳомила ва ширдеҳ, кӯдакон бояд ба наздикии заҳрдоруҳо роҳ дода нашаванд.

## Нест кардани зарфҳо баъди истифодабарӣ

Баъди ба анҷом расонидани коркард бо заҳрдоруҳо онҳо бо тавсияи мутахассис нест карда мешаванд ва ё дар ҷойҳои махсус хокпӯш карда мешаванд.

